# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии №____

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 8-уми октябри соли 2020, №12**

барои сазовор донистани Абдуқодирзода Саидмукаррам, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам, дар мавзӯи **«Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, рӯзи 2-юми апрели соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, №61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Абдуқодирзода Саидмукаррам соли 1963 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Солҳои 1995-2003 бакалавриат ва магистратураи Донишгоҳи байналмилалии исломии Исломободи Покистон ва соли 2008 факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси шарқшиносӣ (филологияи араб) хатм намудааст. Айни ҳол раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз соли 2015 дар вазифаи дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Мушовири илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Сӯфизода Шодимуҳаммад** - доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
2. **Насриддинов Фахриддин Абдуманонович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров;
3. **Восиева Рухшона Қурбоновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, доктори

илмҳои филологӣ, профессор А. Сатторов имзо ва аз ҷониби директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, дотсент Б. Шарифзода тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам, дар мавзӯи **«Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV)»** аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои баланд буда, ба бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, оид ба мавзӯи диссертатсия мақолаҳои илмии зиёде ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, унвонҷӯ Абдуқодирзода Саидмукаррам сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф беш аз 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М] Абдуқодирзода, С. Мафҳуми “тафсир” ва истилоҳоти қариб ба он / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2018. – №7. – С. 193-198.

[2-М] Абдуқодирзода, С. Сохтор ва муҳтавои “Равзат-уш-шуҳадо”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2018. – №8. – С. 112-116.

[3-М] Абдуқодирзода, С. Шахсияти эҷодӣ, ҳуввияти адабӣ ва ҷаҳонбинии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. – Бохтар, 2018. – №1/4 (57). – С. 25-30.

[4-М] Абдуқодирзода, С. Нигоҳе ба тафсирнигории порсӣ ба Қуръони карим то тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2019. – №1. – С. 203-210.

[5-М] Абдуқодирзода, С. Марҳалаҳои нахустини тафсирнигорӣ ба Қуръони карим / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – №2 (79). – С. 142-146.

[6-М] Абдуқодирзода, С. Оид ба таҳсилот ва касби камоли Ҳусайн Воиз / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2019. – №4. – С. 154-159.

[7-М] Абдуқодирзода, С. Суннати тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба порсӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2019. – №5. – С. 171-175.

[8-М] Абдуқодирзода, С. Масъалаҳои методологии омӯзиши фаъолияти тафсирнигории Ҳусайн Воиз ба Қуръони Карим / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – №5(82). – С. 144-150.

[9-М] Абдуқодирзода С. Оид ба зиндагиномаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – №1-4 (68). – С. 47-52.

[10-М] Абдуқодирзода, С. Усулҳои зикри ашъор дар “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии МДТ ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. – Хуҷанд, 2019. – №4 (61). – С. 79-84.

[11-М] Абдуқодирзода, С. Таснифоти адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – №1-1 (71). – С. 11-16.

[12-М] Абдуқодирзода, С. Тафсирҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба Қуръони карим / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2020. – №1. – С. 199-205.

[13-М] Абдуқодирзода, С. Нусхаҳои хаттӣ ва чопии “Мавоҳиби алийя/ С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2020. – №2. – С. 224-231.

[14-М] Абдуқодирзода, С. Муаррифии як нусхаи хаттии “Тафсири Ҳусайнӣ / С. Абдуқодирзода // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2020. – №3. – С. 251-257.

[15-М] Абдуқодирзода, С. Истишҳод ба қиссаи машҳури анбиё ва ҳикоёт дар “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Ҳусайн Воизи / С. Абдуқодирзода // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе: Истеъдод, 2020. – №1. – С. 25-30.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Исрофилниё Шарифмуроди Раҳимзода дар тақризи худ ду маврид эрод пеш овардааст, ки бештар ба баҳси шарҳу тафсирнигорӣ бар осори адабӣ ихтисос дорад: 1) “На ҳама тадқиқоти марбут ба мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор гирифта, арзиши онҳо муайян шудааст; 2) Агар “Тафсири Ҳусайнӣ”-и Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо яке аз тафсирҳои дигари Қуръон дар муқоиса баррасӣ мегардид,

арзиши илмӣ ва маърифатии он боз ҳам беҳтар мушаххас мегардид.

Дар тақризи дигар, ки аз доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич мебошад, бо таъкид ба истифодаи ашъори арабиву форсӣ дар тафсир, истиқбол аз ақоиди арбоби таҳқиқ, чигунагии овардани амсилаи шоҳид аз қиссаҳои анбиё, гуфтори сӯфия ва урафо ва ғайра арзиши илмию назарии рисоларо муайян намуда, чанд нуктаи муҳимро барои афзалияти кори анҷомдодаи муҳаққиқ судманд дарёфтааст: "Агарчи дар се боби кор муаллиф роҷеъ ба мавзӯоти басо муҳим дар тафсирнигории форсӣ-тоҷикӣ, савобиқи илми тафсирнигорӣ ва тафсирнигории Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳқиқот бурда ва ин таҳқиқоти ӯро аз зумраи наводир дар ин мавзӯъ ҳисоб намуд, аммо дар иртибот бар мавзӯи интихобнамудаи муаллифи рисола масоил ва матолиби зиёди дигарро метавон пешниҳод намуд, ки рӯй овардан бар онҳо ва ё истиқбол гирифтани онҳо дар мукаммалтар гаштани мавзӯъ хидмат хоҳанд кард. Аз ҷумла, табйин ва ташхиси ҳунари нависандагии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнигорӣ, истифода аз васоити тасвири бадеӣ дар баёни матолиби илмӣ, сабки гуфтор ва услуби нигориши Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таълифи осори тафсирии хеш, баррасӣ ва табйини шохисаи навъӣ ё жанрии осори тафсирии адиб, нигоҳи оморӣ бар матолиби тафсири ӯ (дар нигоҳ ба оёт, аҳодис, суханони орифону сӯфиён, ашъори шоирон) ва монанди инҳо аз мавзӯот ва матолибе мебошанд, ки муаллифи рисола метавонад дар рӯйи онҳо минбаъд назари таҳқиқ бидӯзад.

Дар тақризи мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳусейнзода Фарҳод аҳамияти илмию назарии диссертатсияи доктории Абдуқодирзода Саидмукаррам баррасӣ гардида, дар баробари ин чанд эрод низ пешниҳод гардидааст: 1) Дар фишурда заҳмати исломшиносони дохилӣ ва хориҷӣ оид ба "Мавоҳиби Алийя" ("Тафисри Ҳусайнӣ") ба маврид оварда шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф беҳтараш нуқтаи кулминатсиони фикри муҳақиқонро гулчин карда, дар доираи як "ибора ё ҷумла" дар фишурда ҷой медод, ба манфиати кор буд; 2) Забони фишурда фаҳмо аст, аммо ҳолатҳое ба назар мерасад, ки ба забони илмӣ зиёда аз ҳазор солаи тоҷики "зӯран" тобишҳои арабӣ дода шудаанд: Мисол, тарасул (с. 10), алқоб (с. 12), риҷоли (с. 12) тафаҳҳус (с. 26) ва ғ.; 3) Саҳеҳ аст, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ тарзи ҳикоябандӣ, забон ва услуби "Калила ва Димна"-и Абулмаолиро низ мувофиқи завқи хонандагони забони хеш тағйир дод. Аз ин рӯ, "Калила ва Димна" ба қалами Ҳусайн Воизи Кошифӣ, яке аз таҳрирҳои беҳтарин ва мукаммалтаринест, ки аз ҷиҳати бадеият низ ба дараҷаи олии санъати суханварӣ анҷом гирифтааст, ки дар фишурдаи рисола зикр шудааст. Бо вуҷуди ин муаллифро лозим буд, ки баҳри баланд бардоштани ахлоқи наврасону ҷавонон матни "Адаб бо ҳамсоягон"-ро ки фарогири 14-шарт

аст ҳам дар фишурда ва ҳам дар рисола тафсир мекард, ба назари инҷониб, боиси баланд шудани қурби кори илмӣ мегардид.?

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Абдуқодирзода Саидмукаррам тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда ба таҳлилу таҳқиқи мавзӯи Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XV) пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси китобҳои тафсири Ҳусайн Воизи Кошифӣ: "Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир", "Мухтасар-ул-ҷавоҳир", "Ҷомеъ-ус-ситтин", "Мавоҳиби Алийя" ("Тафсири Ҳусайнӣ"), тазкира ва асарҳои таърихии асримиёнагӣ, китобҳои тарҷума ва тафсирҳои Қуръон, ки ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV таълиф шудаанд, асарҳои илмию адабӣ ва интиқодӣ дар адабиётшиносии тоҷик **коркард карда шудааст.**

Таҳқиқоти анҷомшуда шомили масоили баррасии шахсияти илмию адабӣ, ҷаҳонбинӣ, фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV буда, таҳқиқи ин мавзӯъ дар таъйини саҳми Ҳусайн Воиз дар ташаккули тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ ва муаррифии китобҳои тафсири вай ҳамчун манобеи арзишманди адабӣ дорои аҳамият ва арзиши илмию назарӣ мебошад. Дар ин замина китоби тафсири ба Қуръони азимушшаън навиштаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ – "Мавоҳиби Алийя", ё худ "Тафсири Ҳусайнӣ" ба таври фарогир, бо назардошти мавҷудияти нусхаҳои дастнависӯ чопии асар, сарчашмаҳои таълиф, арзишҳои илмию адабӣ, ки бо вижагиҳои сабкӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст, **пешниҳод шудааст.**

Китоби "Тафсири Ҳусайнӣ", гузашта аз аҳаммияти маърифатии он дар шинохти каломи Худованд ва балоғату фасоҳати нотакрораш, аз нигоҳи вижагиҳои илмию адабӣ ҳамчун асари пурарзиш ҷузъи муҳимми адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меояд. Аз ин нигоҳ китоби "Тафсири Ҳусайнӣ", қабл аз ҳама, аз он ҷиҳат дорои аҳаммият аст, ки он аз ҷомеият бархурдор буда, ба забони форсии тоҷикӣ ва ба сабки миёнгини илмию адабӣ таълиф шудааст. Нақши Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тафсирнависӣ бар Қуръони карим, махсусан, баррасии машҳуртарин тафсири ӯ – "Тафсири Ҳусайнӣ" маъруфият дорад, аз назари аҳаммият ва арзиши илмию адабӣ, суннату навоварӣ, ҷиҳатҳои илмию адабӣ ва вижагиҳои сабки нигориш, ки аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои ҳалталаб дар адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб мешавад **исбот шудааст**.

Масъалаҳои таъйини арзишҳои илмию адабии "Тафсири Ҳусайнӣ" фарогирии ашъори арабию форсӣ, истиқболи суханони арбоби таҳқиқ, истишҳод ба қасаси машҳури анбиё ва ҳикоёт, баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур **хуб мушаххас шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши таърихи тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро такмил бахшида, дар таъйини арзишҳои илмию адабӣ ва дигар вижагиҳои китобҳои тафсири ба Қуръони маҷид дар тӯли таърих, аз оғози фаъолияти тафсирнигорӣ то замони мо, ба забони форсии тоҷикӣ таълифшуда мусоидат карда метавонад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҷумлаи машҳуртарин донишмандон ва пуркортарин адибони асри XV маҳсуб мешавад, ки аз лиҳози фаъолиятҳои адабӣ шахсияти чандбуъдӣ буда, ҳамчун донишманди мутабаҳҳир, олим, нависанда, шоир, муфассири машҳур ва дорои таълифоту таснифоти зиёде мебошад. Касби доираи васеи илму дониш ба Ҳусайн Воиз имкон фароҳам овардааст, ки дар пешаи воизӣ муваффақияти беназир ба даст оварда, ҳамчун воиз ҳам дар замони дар қайди ҳаёт будан ва ҳам дар давраҳои баъдӣ соҳибном гардад. Аз ин адиби тавоно мероси адабии ғание ба ёдгор мондааст, ки аксари асарҳояш то имрӯз қимати илмию адабии худро гум накардаанд.

Дар диссертатсия исбот шудааст, ки бори аввал дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаҳои алоқаманд ба зиндагинома, мероси илмию адабӣ, шахсияти эҷодӣ ва ҳувияти адабӣ, ҷаҳонбинӣ, фаъолияти тафсирнависии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV ба таври монографӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтааст. Масъалаи тафсирнигорӣ ба Қуръони карим ба забони форсии тоҷикӣ дар фосилаи муайяни замонӣ ва дар қиёс бо таърихчаи тафсирнигорӣ ва дар ҳамин замина муайян кардани саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ривоҷи тафсирнависӣ ба Қуръон бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Дар ҷараёни кор таҷрибаи адабпажӯҳии муҳаққиқони адабиётшинос, шарқшинос, эроншинос ва қуръонпажӯҳони машҳури кишварҳои Тоҷикистон, Россия, Эрон, Афғонистон, ба монанди Х. Шарифов, А. Сатторов, А. Насриддинов, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул, Ф. Насриддинов, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, З. Сафо, Ҷ. Ноинӣ, Б. Хуррамшоҳӣ, М. Х. Беҳрӯз ва дигарон **омӯхта шудаанд.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки меъёрҳое, ки дар рисола барои таъйини ҷаҳонбинии муфассири асримиёнагӣ, равишҳои тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, таъйини манобеъ ва маохизи китоби алоҳидаи тафсир, арзишҳои илмию адабии китобҳои тафсири Қуръон ва мабоҳиси дигари мавзӯъ

истифода шудаанд, барои маърифати комили раванди ташаккул ва махсусиятҳои илми тафсирнигорӣ дар адабиётшиносии муосир кӯмак мекунанд. Гузашта аз ин, натиҷаҳои дар мабоҳиси ҷудогонаи рисола бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии мавриди назари муаллифро дар таҳқиқоти ҳамгун метавон истифода бурд.

Дар диссертатсия аз принсипи муқоисавӣ-таърихӣ, таърихӣ-адабӣ, тавсифӣ, китобхонаӣ, оморӣ, бо назари интиқодӣ муносибат кардан ба сарчашмаҳо, манобеи илмию адабӣ ва дигар меъёрҳои писандидаи илмӣ **истифода бурда шудааст.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки м**аводи диссертатсия ва хулосаҳои бадастоварда дар вақти навиштани мақола ва таълифи таҳқиқотҳои илмӣ дар таҳқиқи паҳлӯҳои омӯхтанашудаи осори илмию адабии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба таърихи таълифи китобҳои тафсири Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъйини арзишҳои илмию адабии китобҳои алоҳидаи тафсири Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, ки аз ҷониби муфассирони дигар дар асрҳои миёна ва замони муосир навишта шудаанд, метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, мабоҳиси алоҳидаи рисола дар навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, курс ва семинарҳои махсус оид ба Ҳусайн Воиз ва таърихи тафсирнависӣ дар мактабҳои олӣ қобили истифода аст.

Мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти форс-тоҷик ва хосса, таърихи адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ ва таҳқиқи рӯзгору осори симоҳои адабӣ ва мушаххассозии пояи эҷодии орифони эҷодкор метавон истифода кард.

Ҳамчунин, дар диссертатсия пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ ва баррасии мақоми адабии китобҳои тафсир дар заминаи маърифати каломи раббонӣ, ки арзиши муҳимми илмӣ-адабӣ доранд, **муайян карда шудааст.**

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони соҳа, аз қабили Амир Алишери Навоӣ дар тазкираи "Маҷолис-ун-нафоис", Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ", Фахриддин Алии Сафӣ дар "Рашаҳоти айнулҳаёт", Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ дар китоби "Мақомоти Ҷомӣ", Хондамир ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

Дар рисола асарҳо ва таҳқиқотҳои Шарл Шефер, Силвестер де Соси, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, Алиасғари Муҳаммадхонӣ, Ҳасан Ҳазратӣ, Ғуломҳусайн Муқимӣ, Маҳдӣ Фароҳонии Мунфарид, Ҷаъфариён Расул, Мирзо Аҳмадов, Аълохон Афсаҳзод, Раҳими Мусулмониён, Урватулло Тоиров, Расул Ҳодизода, Қурбон Восеъ, Абдулманони Насриддин, Мисбоҳиддини Нарзиқул ва дигарон ба мавриди **истифода шудаанд.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ мероси илмию адабии Ҳусайн Воиз табақабандии мавзӯӣ гардида, таснифоти адабӣ, фаъолияти шоирӣ, таълифоти илмӣ, китобҳои тафсир, **асарҳо** дар мавзӯъҳои дигар ва таъйини мақоми китобҳои тафсир дар он миён **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати даҳ сол дар баробари фаъолияти корӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи мақолаҳои зиёд илмӣ-оммавӣ мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо 15 мақолаи марбут ба диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи рӯзи 08 октябри соли 2020 Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бораи ба Абдуқодирзода Саидмукаррам додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар иштирок намуд. Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Жилло бинобар сабаби номзади илмҳои филологӣ будан, тибқи банди 164-и Низомнаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар овоздиҳӣ иштирок карда наметавонад.

Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Гулназарова Ж. Б.